# № 33 аз 15.01.2025

«Оид ба назорати камералӣ»

Мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 42 ва 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи банди 24, қисми 3 Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба назорати камералӣ» аз «11» январи соли 2024, № 22, бо мақсади ба танзим даровардани назоратҳои камералӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, мутобиқ ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Гузаронидани назоратҳои камералӣ дар фаъолияти ҳоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ то санаи 31 декабри соли 2025 муваққатан маҳдуд карда шавад.

2. Ҳангоми гузаронидани назоратҳои камералӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда аз ҷониби сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ талаботи моддаи 42 Кодекси андоз ва Фармоиши Кумитаи андоз «Оид ба назорати камералӣ» аз «11» январи соли 2024, № 22 риоя карда шавад.

3. Фармоиши Кумитаи андоз аз 12.01.2024, №23 “Оид ба назорати камералӣ” беэътибор дониста шавад.

4. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони Раиси Кумитаи андоз, сарраёсатҳои назорати андоз ва маъмурикунонии андоз, сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода